آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

12 октябри соли 2024 Шанбе № 82 (15093)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ҶАҲОНРО НАКУӢ, ДӮСТӢ, ҲАМКОРӢ, МЕҲРУ МУҲАББАТ, ИНСОНПАРВАРӢ НАҶОТ МЕДИҲАД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов 10-11 октябр бо сафари корӣ дар шаҳри Ашқобод шуд.





11 октябр дар шаҳри Ашқобод Сарвари давлати мо дар Анҷумани байналхалқии «Робитаи замонҳо ва тамаддунҳо – пояи сулҳу салоҳ ва пешрафт» бахшида ба 300-умин солгарди шоир ва мутафаккири туркман Махтумқулӣ Фироқӣ иштирок кард.

Дар чорабинӣ, ки таҳти сарварии Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов гузашт, Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуд Пизишкиён, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ, Президенти Муғулистон Ухнагийн Хурэлсух, Президенти Ҷумҳурии Арманистон Ваагн Хачатурян, сарони парлумонҳо ва намояндагони дарачаи олии давлатҳои хориҷӣ, роҳбарони созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ ширкат ҷустанд.

Роҳбари давлати мо дар суханронии худ таъкид намуд, ки баргузории анҷуман дар роҳи таҳкими робитаҳои бародарона ва қаробати халқҳо, ҳамчунин умумӣ дар ҷаҳон қадами муҳим ба шумор меравад.

Қайд гардид, ки мероси эҷодии Махтумқулӣ Фироқӣ нафақат шеърияти классикии Шарқ, балки адабиёти ҷаҳониро низ ғанӣ кардааст.

Дар Ӯзбекистон ба эҷодиёти Махтумқулӣ баҳои баланд медиҳанд.

Шоир дар мадрасаи Шерғозихони Хива таълим гирифт, дар ҳамин ҷо илмҳои дунявӣ ва диниро аҳзуд кард. Вай нисбати шоир ва мутафаккири бузурги ӯзбек Алишер Навоӣ эҳтироми амиқ дошт.

Таъкид шуд, ки соли равон дар Ӯзбекистон 300-умин солгарди Махтумқулӣ Фироқӣ васеъ таҷлил мегардад. Конфронс, машварат, шабнишинӣ, озмунҳои адабӣ гузаронида мешаванд, намоишнома ва чорабиниҳои дигар баргузор мегарданд. Таҳиягарони ӯзбек ва туркман якҷо оид ба шоир филми бадеӣ офаридаанд.

Аз ҷониби роҳбари Ӯзбекистон ҳамчунин дар доираи «Соли байналхалқии сулҳу салоҳ ва эътимод», ки бо ташаббуси Туркманистон Ассамблеяи генералии СММ эълон кардааст соли оянда дар шаҳри Ашқобод ҳамоиши ҷаҳонӣ гузаронида мешавад, дастгирӣ карда шуд.

Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ба Президенти Ӯзбекистон барои суханронии пурмазмунаш, инчунин тадбирҳое, ки дар кишвари мо чиҳати абадӣ гардонидани хотираи Махтумқулӣ Фироқӣ андешида мешаванд, изҳори сипос намуд.

Аз рӯйи натиҷаҳои чорабинӣ ҳуҷҷати ҷамъбастии форум қабул гардид.

Дар анҷоми анҷумани байналмилалӣ бахшида ба ҷашни шоир ва мутафаккир Махтумқулӣ Фироқӣ маросими супурдани ҷоиза ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев баргузор шуд.

Пешвои миллии халки туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳаммедов ба сарвари давлатамон медали хотиравии «300-солагии Махтумқулӣ Фироқӣ»-ро бо тантана супурд.

Дар доираи барномаи будубош дар шаҳри Ашқобод Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Пешвои миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов мулоқот анҷом дод.

Сарвари давлатамон Гурбангулӣ Бердимуҳамедовро барои дар сатҳи олӣ баргузор шудани Анҷумани байналмилалӣ бахшида ба 300-солагии зодрӯзи шоир ва философ Махтумқулӣ Фироқӣ самимона табрик гуфт.

Дар рафти суҳбат ба масъалаҳои густариши минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии Ӯзбекистону Туркманистон, амиқсозии ҳамкории бисёрҷанба, пеш аз ҳама дар соҳаҳои сиёсӣ, байнипарлумонӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва маданиву гуманитарӣ таваҷҷуҳи алоҳида дода шуд.

Афзоиши босуръати гардиши моли мутақобила, кори муштарак ҷиҳати роҳандозии тиҷорати минтақаи наздисарҳадӣ, пурзӯр гардондани кооператсия дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ ва хоҷагии об бо қаноатмандӣ қайд гардид.

Чорабиниҳо дар ҷаҳорчӯби табодули фаъоли байниминтақавӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангиву башардӯстона мунтазам гузаронда мешаванд.

Роҳбарони Ӯзбекистон ва Туркманистон инчунин масъалаҳои мубрами рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалиро баррасӣ намуданд.

Ҷадвали мулоқоти минбаъдаи сатҳи олӣ баррасӣ шуд.

Сарвари давлатамон ба Пешвои миллии халқи туркман маҷмӯи асарҳои мунтахаби Махтумқулиро, ки ба забони ӯзбекӣ нашр шудааст, туҳфа кард.

Дар ҳошияи форуми байналмилалӣ дар шаҳри Ашқобод Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуд Пизишкиён мулоқот анҷом дод.

Масъалаҳои кунунии рушди минбаъдаи муносибатҳои бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Эрон баррасӣ шуданд.

Робитаҳои фаъол ва табодули судманди давомдор дар сатҳҳои гуногун бо қаноатмандӣ қайд гардид. Нишондиҳандаҳои муомилоти мол ва шумораи корхонаҳои муштарак меафзоянд.

Саронӣ давлатҳо аҳамияти дастгирӣ ва татбиқи босуръати лоиҳаҳои кооператсия, тавсеаи номгӯйи маҳсулотро дар доираи Созишномаи савдои имтиёзнок таъкид намуданд.

Роҳбарони Ӯзбекистон ва Эрон ҳамчунин доир ба рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодулии афкор намуданд.

Бо ҳамин сафари кории Президент Шавкат Мирзиёев ба Туркманистон анҷом ёфт.

Дар фурудгоҳ Сарвари давлатамонро Пешвои миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов гусел кард.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТ ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚӢ БАХШИДА БА 300-УМИН СОЛГАРДИ ШОИР ВА МУТАФАККИР МАХТУМҚУЛӢ ФИРОҚӢ

Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!

Аз он ки бо шумо, иштирокдорони Анҷумани байналхалқии «Робитаи замонҳо ва тамаддунҳо – пояи сулҳу салоҳ ва пешрафт», ки дар шаҳри зебои Ашқобод мегузарад, дидор мебинам, хурсанд ҳастам.

Ба Президенти Туркманистон, муҳтарам Сердар Гурбангулиевич Бердимуҳамедов ва Пешвои миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон, бародари худ, муҳтарам Гурбангулӣ Мяликгулиевич Бердимуҳамедов ва барои истиқболи чун анъана гарму ташкили дараҷаи олии ин чорабинӣ самимона миннатдорӣ баён мекунам.

Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки дар шароити кунунии вазъи ноорому мураккаби ҷаҳон, дар замоне, ки суннатҳои анъанавӣ аз санҷиши ҷиддӣ мегузаранд, роҳбарияти Туркманистон рушди адабиёт ва маърифатро ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта, онҳоро ба воситаи самарабахши пешбурди ғояҳои сулҳдӯстонаи арсаи байналхалқӣ табдил дод.

Муътақидам, ки Конфронси кунунӣ дар роҳи таҳкими алоқаҳои бародарона ва қаробати кишвару халқҳои мо, аз ҷумла оммавӣ шудани мероси ғановатманди маънавии мо дар тамоми ҷаҳон қадами муҳими амалӣ мегардад.

Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!

Замини саховатманди Туркманистони куҳан бисёр шахсиятҳои бузург – арбобони илм, фарҳанг ва санъатро парваридааст.

Мо аз ин хусус ҳарф зада, табиист, ки шоир, мутафаккир ва олимони машҳури туркман, аз ҷумла Озодӣ, Андалеб, Шайдоӣ, Ғоибӣ, Муллонафасро ба хотир меоварем.

Дар байни онҳо фарзанди бузурги халқи туркман Махтумқулии Фироқӣ, ки мероси эҷодиаш нафақат шеърияти классикии Шарқ, балки адабиёти ҷаҳониро ғановатманд гардонидааст, мақоми махсус дорад.

Асарҳои ҷовидонаи башардӯст, шоир ва мутафаккири бузург Махтумқулӣ бо суннатҳои умуминсонӣ ҳамоҳанг буда, сулҳу салоҳ, некиву адолатро васф мекунанд.

Дар пояи асарҳои Махтумқулии Фироқӣ, ки 300-умин солгардаш таҳти васояти ЮНЕСКО таҷлил мегардад, ғояи неки: **«Ҷаҳонро накӯӣ, дӯстӣ, ҳамкорӣ, меҳру муҳаббат, инсонпарварӣ наҷот медиҳад»** маҳфуз мебошанд.

Барои он ки рӯҳу қалби халқи туркманро дарк кунем, сарчашмаи чунин хислатҳо, ба монанди мардӣ, далериву садоқат нисбати дӯстро дарёбем, бояд ба ҷаҳони маънавии Махтумқулӣ фурӯ равем, онро идрок намоем.

Бо ифтихор таъкид мекунам, ки мардуми Ӯзбекистон низ ба Махтумқулӣ ҳурмати баланд дорад, ӯро дӯст медорад.

Вай дар мадрасаи Шерғозихони Хива таълим гирифт, илмҳои дунявӣ ва диниро омӯхт. Ҳамзамон Махтумқулӣ шоир ва мутафаккири бузурги ӯзбек Алишер Навоиро бағоят эҳтиром мекард, аз эҷодиёти ӯ ба вачд меомад.

Алҳол дар мамлакати мо шеърҳои хуби Махтумқулӣ мунтазам садо медиҳанд, ғазалҳои зебои ӯ ба сурудҳои дилнишин табдил ёфтаанд. Шубҳае нест, ки асарҳои бемисли вай ба беш аз пеш мустаҳкам гардидани муносибатҳои воқеан бародаронаву дӯстонаи байни халқҳои мо хидмат кардаанд.

Дар Ӯзбекистон бинобар васеъ таҷлил намудани 300-умин солгарди Махтумқулии Фироқӣ қарори махсус қабул карда шудааст. Вобаста ба ин сана шабнишинӣ, озмун, конфронс ва машваратҳои адабӣ гузаронида мешаванд. Дар театрҳои мо намоишномаҳо гузошта шуда, кинофарандагони ӯзбек ва туркман муштаракона оид ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир филми бадеӣ офаридаанд.

Алҳол дар пойтахт ва минтақаҳои мо кӯча ва хиёбонҳо бо номи Махтумқулӣ гузошта шудаанд. Дар Тошканд ва Хива ҳайкали ин арбоби бузург қад рост кардааст.

Мо ҳамчунин эҳтиромеро, ки дар Туркманистон нисбати халқи ӯзбек, фарҳанг, санъат ва суннатҳои миллии он зоҳир карда мешаванд, бағоят қадр мекунем.

Дӯстони муҳтарам!

Аз он самимона хурсандем, ки бо ташаббуси роҳбарияти Туркманистон маҷмӯи муҳташами ёдгории «Махтумқулӣ Фироқӣ» бунёд гардидааст. Он тимсоли равшани хирад ва кушодадилии халқи бародари туркман, хоси маърифати ӯст.

Чунин сиёсати дурандешона, бетарафии мусбати Туркманистон пояи комёбиҳои бузурге гардиданд, ки тӯли 30 сол бинобар таҳкими давлатдорӣ ва баланд бардоштани некуҳолии халқ ба даст омадаанд.

Мо аз ҷониби Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид бо ташаббуси Туркманистон «Соли байналхалқии сулҳу салоҳ ва эътимод» эълон гардидани соли оянда, ҳамчунин роҳандозии платформаи мулоқоти нодири ҷаҳониро дастгирӣ мекунем.

Бовар дорам, ки ҳамоиши байналхалқие, ки моҳи декабри соли оянда дар Ашқобод мегузарад, дар ин иқдоми нек воқеаи хотирнишин мегардад. Тайёрем ба бародарони туркмани худ тамоми кумакҳои заруриро расонем.

Дӯстони азиз!

Махтумқулӣ Фироқӣ навиштааст:

«Худовандо! Бигузор саҳроҳои беканор гулпӯш шаванд,

Бигузор асосҳои давлати мо мустаҳкам гарданд!»

Алҳол орзуву омоли деринаи Махтумқулӣ Фироқӣ, ки бо садоқати фарзандона барои ояндаи дурахшон мубориза мебурд, ҳақиқат ва адолатро васф мекард, амалӣ мешаванд. Мо дар Ӯзбекистон рушди пуравҷи Туркманистони бародарӣ, зиёд гардидани нуфузи байналхалқии онро бо хурсандии бузург мушоҳида мекунем.

Дар поёни сухани худ мехоҳам бигӯям: бигузор Туркманистон, ки ба олам шахсияти бузурге чун Махтумқулӣ Фироқиро додааст, ҳамеша шукуфон бошад!

Бигузор дар кишварҳои мо сулҳу салоҳ ҳукмрон дӯстии мо абадӣ бошад!

Бо мақсади таҳкими муносибатҳои дӯстию ҳамкорӣ ва тарғиби санъат ва фарҳанги мамлакатамон бо кишварҳои хориҷӣ як қатор чорабиниҳо амалӣ мешаванд. Дар доираи нақшаҳои солона 14-18 октябри соли ҷорӣ дар Тошканд 10-умин Биенналеи байналмилалии санъати муосир таҳти мавзӯи «Санъат ва ҷаҳон» баргузор мегардад.

ДАР ТОШКАНД ҶАШНВОРАИ САНЪАТ БАРГУЗОР МЕГАРДАД

Ба ҳамин муносибат дар Маркази матбуоти миллӣ бо ташаббуси Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон чорабинӣ ба амал омад.

Дар он раиси Фарҳангистони бадеӣ Акмал Нуриддинов таъкид кард, ки ҳунари санъати тасвирӣ дар маданияти Шарқ бо хусусият худ ва ҷозибаи махсусаш бартарӣ дорад. Ӯзбекистон аз қадимулайём ватани хаттотону мусаввирони моҳир аст. Ин соҳибони ҳусни хати зебо барои баҳонадону ҷевони китобҳои мардум ворид шудани бисёр девонҳои нодиру асарҳои машҳури таърихӣ саҳм гирифтаанд. 10-умин Биенналеи байналмилалии санъати муосир ба муаррифии самтҳо ва номҳои нави санъати муосир дар соҳаи санъати тасвирӣ, инчунин тавсеаи робитаҳои фарҳангии байналмилалӣ, таҳкими робитаи эҷодии фарҳанг, анъана ва дастовардҳо бахшида шудааст. Он ба озод кардани тафаккури созанда, нишон додани гуногунандешӣ дар соҳаи тадқиқоти эҷодӣ, инъикоси ҷиҳатҳои хоси вазъи постмодернии кишварҳои гуногун, санъати муосир ва аз байн рафтани анъанаҳои маҳаллӣ дар замони ҷаҳонишавӣ нигаронида шудааст.

Дар ин ҷашнвора ширкаткунандагон аз Русия, Австралия, Булғория, Британиёи Кабир, Ҳиндустон, Испания, Тоҷикистон, Қирғизистон, Латвия, Малайзия, Муғулистон, Португалия, Қазоқистон, Туркманистон, Эстония, Швейтсария барин мамлакатҳо асарҳои худро намоиш медиҳанд.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

27 ОКТЯБР – РӮЗИ ИНТИХОБОТИ ДЕПУТАТҲОИ ПАЛАТАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ШӮРОҲОИ МАҲАЛЛӢ

ИНТИХОБОТ 2024 27 ОКТЯБР

ИНТИХОБИ МАН-ВАТАНИ ОБОДАМ

Матолиби мазкур дар доираи майдони бепули чопӣ, ки барои ташвиқоти пешазинтихоботии Ҳизби экологии Ӯзбекистон, Ҳизби халқиву демократии Ӯзбекистон ва Ҳизби сотсиал-демократии Ӯзбекистон «Адолат» ҷудо шудааст, нашр мешаванд.

(Матолиби мазкурро аз саҳифаҳои 2 ва 3 мутолиа кунед).

Забон донӣ – ҷаҳон донӣ

БА ОМӮХТАН ЧУН ФУРӮТАН ШАВӢ...

Забон сарвати бебаҳо ва бузурги миллат ба шумор меравад. Дар банди чоруми Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» оварда шудааст: «Роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва органҳои маъмурие, ки дар ҷумҳурӣ кор мекунанд, барои иҷрои вазифаҳои хидматиашон бояд забони давлатиро ба дараҷаи кофӣ донанд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба шаҳрвандоне, ки забони давлатиро намедонанд, таълим ва омӯзиши бепулро таъмин менамояд».

Забону сухан барои равнақи ақлу дониши инсонӣ, камолоти маънавии шахс нақши бағоят калон мебозад, зеро намунаҳои барҷастаи дониши инсон маҳз ба туфайли забон баён гардида, дар шакли нутқи хаттӣ ба наслҳои минбаъда мерос мондааст. Шуур ҳақиқатро инъикос менамояд, забон бошад, ҳамон ҳақиқатро ифода ва баён мекунад. Бинобар ин, миёни забону шуур ҳамбастагии қавиву ногусастанӣ мавҷуд аст. Инсон тавассути ҳамин ду неъмати олӣ – шуур ва забон аз дигар мавҷудоти олам фарқ мекунад, ки дар ин бобат Абулқосими Фирдавсӣ фармудааст:

Ба омӯхтан чун фурӯтан шавӣ,
Суханҳои донандагон бишнавӣ.

Бо мақсади иҷрои Фармони роҳбари давлат «Дар бораи чорабиниҳои куллан баланд бардоштани нуфуз ва мавқеи забони ӯзбекӣ ҳамчун забони давлатӣ» аз 21 октябри соли 2019, фармони Президент «Дар бораи тадбирҳои боз ҳам инкишоф додани забони ӯзбекӣ ва такмил додани сиёсати забон дар мамлакат» аз октябри соли 2020, қарори Девони Вазирон «Дар бораи чораҳои боз ҳам такмил додани фаъолияти Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбекӣ ба номи Алишер Навоии Тошканд» аз 3 марти соли 2020, дар Маркази таълим ва такмили ихтисос ва бахшҳои минтақавии кор бо забони давлатии назди Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбеки ба номи Алишер Навоии Тошканд барои намояндагони дигар миллатҳо, ки мехоҳанд забони ӯзбекиро омӯзанд, курси «Забони ӯзбекӣ» ба фаъолият оғоз намуд.

– Барномаи таълимии курси «Забони ӯзбекӣ» 144 соатро ташкил намуда, дар давоми 3 моҳ омӯзонда мешавад. Тавассути барномаи таълимӣ шунавандагон алифбо, калимаҳо, навиштану хондани калимаҳо, суҳбат, саволу ҷавоби хаттӣ ва даҳониро меомӯзанд. Баробари омӯхтани забон аз маданияти забони давлатӣ низ бархурдор мегарданд, – мегӯяд омӯзгори забони давлатии донишгоҳ Азизбек Бердиев.

Ӯзбекистон мамлакати сермиллат. Барои онҳо озодии забон, урфу одат, арзишҳои миллӣ муҳайё карда шуда, дар фазои дӯстиву ҳамгароӣ, якдилӣ ва ҳурмати якдигар умргузаронӣ мекунанд.

Таъкид гардид, ки то соли 2024 482 нафар ходимони Вазорати мудофиа, ҷамъиятҳои саҳҳомии «Ӯзкимёсаноат», «Ӯзагролизинг», «Тошкент метрополитени», Кумитаи давлатии гумрук ва дигар ташкилотҳои давлатӣ, инчунин 89 нафар шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла Туркия, ИМА, Мексика, Афғонистон, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон, Русия, Арабистони Саудӣ ва ғайра курси таълимии мазкурро бомуваффаққият хатм намуда, соҳиби сертификат шуданд. 8 нафар ходимони Кумитаи оид ба муносибатҳои байнимиллӣ ва алоқаҳои дӯстона бо мамлакатҳои хориҷӣ курси «Забони ӯзбекӣ»-ро ройгон азхуд намуданд.

Аз моҳи сентябри соли ҷорӣ дар 6 гурӯҳ (15 нафарӣ) шаҳрвандони миллатҳои дигар забони ӯзбекиро меомӯзанд. Ба онҳо омӯзгорони ботачриба, мутахассисони забони ӯзбекӣ дарс медиҳанд.

– Ӯзбекистон ватани ман аст. Мардуми меҳмондӯст, урфу одат, таомҳои миллии онро дӯст медорам. Барои суҳбат бо ҳамсояҳо, доду гирифт, мулоқот дар дӯкону бозор, кӯчаву нақлиёт донистани забони давлатӣ зарур аст. Аз ин лиҳоз, дар курси забони ӯзбекӣ таълим гирифта истодаам. Охир, «забон донӣ – ҷаҳон донӣ» гуфтаанд, – мегӯяд хонандаи курси мазкур, сокини ноҳияи Учтепаи пойтахт Татяна Короткова.

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

БОҒДОРӢ ҲАМ ҶУСТУҶӮЙИ ДОИМИРО ТАҚОЗО ДОРАД



Деҳқоне, ки забони заминро медонад, аз он хуб истифода бурда метавонад. Алҳол чун дар тамоми соҳаҳо дар боғдорӣ низ муҳити рақобати ба худ хосе шакл мегирад. Дар натиҷа, дар ин бобат ҳам навгониҳо, истифода ва усулҳои нави парвариш оммавӣ мегарданд.

Сокини деҳаи Паландараи ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё Акрам Саидов аз ҷумлаи боғбонҳоест, ки дар соҳаи боғдорӣ мактаби хоси худро дорад. Вай, инак чоряк аср боз дар замини наздиҳавлии худ боғи хурде барпо карда, дар он ток, ниҳолҳои гуногуни мевачоти ситрусиро парвариш менамояд.

Боғбони соҳибтаҷриба ба ивази ин меҳнат даромади хуб ба даст меоварад. Дастурхонаш пурнозу неъмат, зиндагиаш фаровон аст. Ӯ бинобар фармони дахлдори Президенти мамлакат аз 14 августи соли 2024 бо нишони сарисинагии «Соҳибкори фаъол» мукофотонида шуд.

Дар сурат: *боғбони моҳир* ***Акрам Саидов.***

Сурати ӮзА.

Хабарҳо аз вилоятҳо

УСУЛИ «ТӮҲСОНБОСТӢ» – ОМИЛИ ФОИДАНОК

Фасли тирамоҳ натанҳо фасли ҷамъоварии ҳосили пухтарасида, балки фасли киштукори сабзавоти барвақтаи соли оянда низ ба ҳисоб меравад.

Аз қадимулайём бобокалонҳо барои зудтар гирифтани ҳосили соли оянда пиёзу сирпиёз ва дигар сабзавотҳоро дигарро моҳҳои август-сентябр кошта, дар фасли баҳор ба бозори истеъмолӣ мебароварданд. Ин тарзи ташкили кор барои пешгирии баландшавии нарху навои сабзавот таъсири муфид мерасонид.

Барои оммавигардонии таҷрибаи бойи деҳқонони кӯҳансол, яъне паҳнкунии таҷрибаи «тӯҳсонбостӣ» дар хоҷагии фермерии «Кӯҷумбой хосияти»-и ноҳияи Косонсой семинар ташкил гардид.

Дар семинар мутахассисони соҳаи аграрӣ оиди аҳамияти ташкили киштукори «тӯҳсонбостӣ» ва сари вақт анҷом додани кишти намудҳои гуногуни сабзавот дар моҳҳои сентябр-ноябр фикру мулоҳиза ва таклифу тавсияҳои худро баён намуданд.

СЕМИНАР ОИДИ КИШТИ ҒАЛЛА

Кормандони соҳаи агросаноати ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон ҳар як дақиқаи рӯзҳои офтобии тирамоҳро ғанимат дониста, ба кишти ҳосили ғаллаи соли оянда бо ғайрати дучанд шурӯъ намудаанд.

Чанде пеш бахшида ба ин чорабинии мавсимии агротехникӣ дар хоҷагии фермерии «Сахий Саид барака» семинар баргузор гардид.

Дар семинар ҷонишини раиси хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ ва соҳибони қитъаи замини наздиҳавлии ҷумҳурӣ Шуҳрат Тешаев, сардори раёсати хоҷагии қишлоқи вилоят Нуршод Худойбердиев, роҳбарони секторҳо ва мутасаддиёни хоҷагиҳои фермерии ноҳия иштирок намуданд.

Ба суҳан баромадагон оиди ташкили муташаккилонаи корҳои киштукор, истифодаи оқилонаи техника, нуриҳои минералӣ, ҳамчунин истифодаи сарфакоронаи захираи об, ташкили истироҳату меҳнати механизаторон таклифу мулоҳизаҳои худро баён намуданд. Пешбинӣ шудааст, ки тирамоҳи соли ҷорӣ дар мавсими киштукор дар 6145 гектар майдон кишти ғалладона ба сомон расонида мешавад. Имрӯзҳо дар ҳамаи хоҷагиҳои фермерӣ киштукор бо суръати баланд идома дорад.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАМАНГОН.

СЕМИНАР ОИДИ САРФАИ НЕРУИ БАРҚ

Имрӯз истеҳсолоти саноатӣ ва ҳаёти маишии аҳолиро бе неруи барқ наметавон тасаввур кард. Рӯз аз рӯз миқдори корхонаҳои саноатӣ, коммуналию маишии аҳолӣ меафзояд. Ин ҳама сарфаи неруи барқро тақозо дорад.

Бо мақсади тарғиби сарфаи неруи барқ бо ташаббуси прокуратураи вилояти Навоӣ, ҶС шуъбаи вилоятии «Ҳудудий электр тармоқлари» ва дигар муассисаҳои дахлдор мунтазам корҳои ташвиқотӣ ва семинарҳо баргузор мегардад. Ҷунин семинар дар корхонаи истеҳсолкунандаи маҳсулоти гаҷ «Navoiy Milling droup» баргузор гардид.

Дар семинар таъмин ва иҷрои қарори Президент аз 14 июни соли равон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оиди сарфаи захираҳои неруи барқ ҳангоми истеъмол» ва қарорҳои дахлдори Девони Вазирон баррасӣ гардид. Таъкид гардид, ки барои сарфаи неруи барқ аз таҷҳизоти замонавии сарфакор ва панелҳои офтобӣ васеъ бояд истифода кард.

Дар корхонаҳои калони истеҳсоли саноатӣ асбобу анҷоми сарфакори неруи баркро мавриди истифода қарор дода, ба сарфакорӣ ноил гардидан ва дар ин замина даромади соф гирифтан таъкид гардид.

САФАРИ ЖУРНАЛИСТОНИ ВИЛОЯТИ НАВОӢ БА БУХОРО

Бо ташаббуси ҳайати таҳририяти рӯзномаҳои вилояти Навоӣ «Дӯстлик байроғи» ва «Знамя дружбы» кормандони нашрияҳо ва аъзоёни Иттиҳоди журналистон ба вилояти Бухоро ташриф оварда, қадамҷоҳои «Ҳафт пир»-ро зиёрат намуданд.

Ҳангоми сафар рӯзноманигорон қадамҷоҳои «Хоҷа Абдухолиқ Ғиждувонӣ», «Хоҷа Муҳаммад Ориф Ревгарӣ», «Хоҷа Маҳмуд Анҷир Фағнавӣ», «Хоҷа Алӣ Рометанӣ», «Муҳаммад Бобойи Самосӣ», «Саййид Амир Кулол», «Ҳазрат Баҳоуддин Нақшбанд» ва дигар мавзеъҳои таърихиро зиёрат намуданд. Доири мероси илмӣ ва мадании нобиғагони олами Ислом маълумот пайдо намуданд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

РОҲИ ҲАВОИИ «ҚӮҚАНД – БУХОРО»

Маълум аст, ки дар мамлакати мо масъалаи сайёҳӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Ин имконият медиҳад, ки барои мусофирон имкониятҳои нав ба нави қулай падид ояд.

Пӯшида нест, ки барои ба Фарғона бо автомобил сафар кардани бухороиён тақрибан 15-16 соат вақт лозим аст.

Ба қарибӣ аз фурудгоҳи тачдидёфтаи Қӯқанд ба амал омадани хатсайри «Қӯқанд – Бухоро – Қӯқанд» имконият медиҳад, ки ҳар ҳафта рӯзи чоршанбе мусофирони ду шаҳри бостонӣ ба воситаи роҳи ҳавоӣ ба тарафайн рафтуо кунанд. Ҳоло имконият пайдо шудааст, ки ҳар як мусофири ин ҷо метавонад 350 ҳазор сӯм харҷ карда, баъди ду соат ба Бухоро, ё ки Қӯқанд сафар кунад.

Пешбинӣ шудааст, ки дар оянда шумораи парвозҳо меафзоянд.

Амрулло АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Вилояти БУХОРО.

ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ, ЗАМИН ВА ОБ – МАҚСАДИ АСОСИИ МО



Масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, замин, об, сарватҳои зеризаминӣ, суръат бахшидан ба ислоҳот дар соҳаи истифодаи самарабахши олами бототу ҳайвонот, таъмини бехатарии озуқаворӣ асоси амнияти экологӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳалли ин масъалаҳо Ҳизби экологии Ӯзбекистон дар барномаи пешазинтихоботии худ мақсадҳои мушаххасро дар назди худ вазифа гузоштааст.

Ҳизби мо таҳти шиори **«Барои табиат муттаҳид шавем!»** бобати татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар самти рушди устувори мамлакат, таъмини бехатарии экологӣ, инчунин, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ пешниҳодоти мушаххас ва амалӣ, ташаббусҳои ҳаётиро пешбарӣ мекунад. Дар меҳвари онҳо ҳалли масъалаҳои экологӣ қарор дошта, таъкид мегардад, ки бартарафсозии ҷунин мушкилот на танҳо вазифаи давлат, балки ӯҳдадории ҷамъият ва ҳар як шаҳрванд ба шумор меравад.

Идоракунии захираҳои об: ғояҳои ҳалкунанда ва қадамҳои амалӣ ба сӯйи мақсад

Мувофиқи таҳлилҳои Бонки ҷаҳонӣ, дар соли 2050 **талабот ба об** дар Ӯзбекистон **аз 59 километри мукааб ба 62–63 километри мукааб** афзуда, захираҳои мавҷудаи об дар сатҳи назаррас кам мешаванд. Дар ҷунин вазъият танҳо истифодаи оқилонаи об ва чораҳои сарфакорӣ кофӣ нест.

Бино ба фикри мутахассисон, эҳтимол меравад, ки маҷрои **ду дарёи бузург** — Амударё ва Сирдарё, ки манбаи асосии захираҳои оби мамлакатамон мебошад, нисбат ба ҳозир **15 дарсад** кам шавад. Дар ҷунин ҳолат, аз эҳтимол дур нест, ки сатҳи таъминоти ҳар сари аҳолӣ бо об дар тамоми Осиёи Марказӣ **25 дарсад** ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ **40 дарсад** кам шавад.

Дар барномаи пешазинтихоботӣ татбиқи як қатор ислоҳоти ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои об нигаронида шудаанд, пешниҳод мегардад. Аз ҷумла, **бунёди ҳавзаҳои нави об ва чораҳои рушди системаҳои ирригатсионӣ барои идоракунии устувори об** пешниҳод шудаанд.

Пешниҳодҳои экоҳизб аз рӯйи таҳияи барномаи **истифодаи самаранок аз оби борон, аз соли 2025 ҷорӣ намудани тартиби** ҷамъоварии оби борон дар хона, бино ва иншоотҳое, ки **масоҳати сохтмони онҳо беш аз 500 метри мураббаъ аст**, роҳандозии механизмҳои **аз тарафи давлат рағбатноксозӣ барои истифодаи оби борон** ва тамоюлҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ хеле муҳим ба ҳисоб рафта, дар амалиёти давлатҳои хориҷӣ низ истифодаи самаранок аз оби борон ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, дар Туркия дар биноҳои баландошёна ва биноҳои навбунёд, ки беш аз **2 ҳазор метри мураббаъ** ҳастанд, **тартиби ҷамъоварии оби борон** муқаррар гардидааст. Оби бороне, ки дар фурудгоҳи Франкфурти Олмон ҷамъ мешавад, барои обёрии **60 дарсад**и минтақаҳои сабзазоркунонидашудаи аэропорт ва таъминоти оби техникӣ имкон медиҳад.

Дар минтақаҳо **бо истифода аз оби борон ташкили корҳо бобати бунёди майдону боғҳои хурди сабз** ва ҷорӣ намудани **системаи ҳавасмандгардонии** шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқие, ки **дар мавзеъҳои истиқоматӣ ва хоҷагиҳои шахсӣ дастгоҳҳои ҷамъоварӣ ва истифодаи оби боронро доранд** ва аз он истифода мебаранд, барои афзоиши назарраси шумораи **«майдонҳои сабз»**, барқарор нигоҳ доштани онҳо хидмат мекунад.

Инчунин, **андешидани чораҳо бобати тоза ва дубора истифода бурдан (re-use)-и обҳои пасмонда ва партов**, ки дар соҳаи кишоварзӣ, саноат ва маишӣ истифода шудаанд, дар навбати худ самаранокии истифодаи обро беҳтар намуда, исрофи беҳудаи обро пешгирӣ мекунад. Ҳизб дар асоси **тадқиқоти гидрогеологӣ** бо истифодаи босамари обҳои зеризаминӣ **ривочдиҳии деҳқонии лалмикори**ро, яке аз тадбирҳои муҳими таъмини бехатарии хӯрокворӣ аҳолӣ дар мамлакат мешуморад.

Бо мақсади истифодаи оқилонаи захираҳои об **дар манзилҳои истиқоматии бисёрошёнаи навбунёд бо кубурҳои алоҳида-алоҳида ташкил кардани интиқоли об** барои нӯшидан ва истифодаи хоҷагӣ, бобати истифодаи оқилонаи мардум аз оби барои нӯшокӣ ва обёрӣ пешбинишуда, инчунин, ташкили баҳисобгирии захираҳои об муҳим ба ҳисоб меравад.

Пурзӯрсозии чораҳои ҳифзи захираҳои замин ва муборизаи бар зидди биёбоншавӣ

Имрӯз раванди **деградатсияи заминҳо ва биёбоншавӣ** ба беш аз сад давлати ҷаҳон таҳдид мекунад. Мутаассифона, ин аз бисёр чиҳат ба омили инсонӣ вобаста буда, эрозияи обу шамол, ки дар натиҷаи истифодаи берахмонаи табиат ба амал омадааст, раванди биёбоншавиро метезонад.

Бино ба фикри мутахассисон 70 дар**сад ё худ 31,4 миллион гектар**и ҳудуди ҷумҳуриро майдонҳои хушку нимхушк ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи шӯрзаниҳои табиӣ, кӯчидани рег, тӯфонҳои чангу ғубор ва гармселҳо зарар дидаанд. Қариб **10 миллион гектар** чарогоҳҳо ба беҳтарсозии куллӣ ниёз доранд.

Новобаста аз чораҳое, ки барои **баланд бардоштани нишондиҳандаи муҳими сифати хок**, яъне ҳосилхезии замин дар мамлакат нигаронида шудаанд, ҳосилхезии замин сол то сол поин меравад. Аз ҷумла, ҳосилхезии миёнаи хок дар ҷумҳурӣ дар соли 1991 ҷамъ **58 хол**ро нишон дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2001 **55 хол** ва дар соли 2021 ҳамагӣ **53,7 хол**ро ташкил кардааст.

Ҳизби экологии Ӯзбекистон таъкид менамояд, ки **истифодаи боз ҳам самараноктари заминҳои обёришаванда дар соҳаи кишоварзии мамлакат, аз нав мавриди истифода қарор додани заминҳои бекорхобида**, дар корбурди самараноки захираҳои замин муҳим аст. Дар ин самт, ҳангоми **омода кардани замин барои кишти зироатҳои кишоварзӣ, роҳандозии васеи технологияҳои инноватсиониро, монанди «No-TiLL»** (коркарди минималии замин), ки захираву энергияро сарфа мекунад ва аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошад, пешниҳод мекунад.

Ҳифзи ҳавои атмосфера яке аз муаммоҳои глобалии имрӯза

Ҳизби экологии Ӯзбекистон дар барномаи пешазинтихоботии худ бо мақсади **ҳифзи ҳавои атмосфера, пешгирии косташавии қабати озон, беш аз меъёр истихроҷ гардидани газҳои гармхона** ва дар ин самт ба таври мушаххас муқаррар намудани механизмҳои ташкилию ҳуқуқӣ, ташаббуси дар асоси стандартҳои замонавии байналмилалӣ ва дар таҳрири нав таҳия кардани қонун **«Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера»**-ро пешбарӣ менамояд. Дар он муқаррар кардани асосҳои ҳуқуқии бекор кардани имтиёзҳое, ки боиси ифлосшавии ҳавои атмосфера мегарданд, пешбинӣ мешавад.

Мувофиқи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, дар ҷаҳон аз даҳ нафар нӯҳ нафар аз ҳавои ифлос нафас мекашад. **91 дарсад**и аҳолии рӯйи Замин дар минтақаҳои ҳавояш нотоза умр ба сар мебарад. Ҳамасола **8 миллион** нафар дар натиҷаи ифлосшавии беш аз меъёри ҳаво вафот мекунад. Бахусус, мамлакатҳои қитъаи Осиё ва Африқо аз рӯи ин нишондиҳанда дар мақоми болотаранд.

Мувофиқи хулосаи олимони эколог, барои бартарафсозии омилҳое, ки боиси ифлосшавии ҳавои атмосфера мегарданд, пеш аз ҳама **«боғҳои сабз»** ва **«камарбандҳои сабз»-ро бунёд кардан**, истифодаи намудҳои нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тозаро ҳавасманд кардан, ҷолибияти нақлиёти ҷамъиятиро зиёд намудан талаб карда мешавад. Ғайр аз ин, татбиқи чорабиниҳо **бобати эътибор ба сифати сӯзишворӣ, гузаштан аз сӯзишвории анъанавии карбогидридӣ ба навъҳои алтернативии сӯзишворӣ**, васеъ ҷорӣ кардани энергетикаи «сабз» муҳим аст. Растаниҳои сабз микроиқлими шаҳрҳоро беҳтар месозанд. Дарахтон дар вақти гармӣ ба атмосфера ба миқдори зиёд буғи об бароварда, рӯзона намии ҳаворо ба **20–30 дарсад** зиёд ва ҳароратро бошад, якчанд дараҷа паст мекунад.

Аз ин рӯ, ҳизби мо **роҳандозии тартиби бекор кардани ҳуқуқи соҳибкоронро ба замин, ки бо мақсади бинокорӣ дарахтҳоро ғайриқонунӣ буридаанд**, пешниҳод мекунад. Чунки баъзе бинокор-соҳибкорон ҳангоми сохтмони хонаву ҷой ба талаботи қонунгузорӣ риоя накарда, ҳолатҳои бо роҳҳои ғайриқонунӣ буридани дарахтони бисёр ба чашм мерасад.

Ташаббуси **аз соли 2030 бозdoштани ҳаракати мошинҳои сабукрав бо муҳаррикҳои дарунсӯз дар пойтахт ва шаҳрҳои калон, аз соли 2035 бошад, манъи фурӯши онҳо дар мамлакат**, барои фароҳам овардани муҳити зисти мусоид, ки барои ҳифзи саломатии аҳолии мо аҳамияти калон дорад, инчунин рушди саноати истеҳсоли васоити нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза дар мамлакат, таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ ва зиёд кардани даромади аҳолӣ ҳидмат мекунад.

Инчунин, мақсади татбиқи вазифаҳои барномавӣ аз рӯйи **ду баробар кам кардани ҳаҷми газҳои зараровари истихроҷшаванда ба атмосфера, то 10 баробар зиёд намудани пардохтҳои ҷубронпулӣ** барои партови беш аз меъёри моддаҳои ифлоскунанда, ки ба таъмини тозагии ҳавои атмосфера хидмат мекунад, то ба чӣ ҳад барои имрӯз аҳамияти калон доштани барномаи ҳизбро нишон медиҳад.

Ҳамзамон, дар барномаи пешазинтихоботии ҳизб **таҳияи харитаҳои минтақаҳое, ки хатари тӯфони регу намак зиёд аст**, дар ин ҷойҳо дар асоси барномаҳои давлатӣ бунёди майдон ва рӯйпӯшҳои сабз, **модернизатсияи иншоотҳои тозакунии оби партов ва бунёди иншоотҳои нав**, роҳандозии тартиби бозdoштани фаъолияти корхонаҳое, ки иншоотҳои маҳаллии тозакунии оби партов надоранд ва **танҳо пас аз гузоштани технологияҳои ҷавобгӯи талаботи экологӣ** иҷозат барои корбарии онҳо, барои пешгирӣ ва бартараф намудани мушкилоти вобаста ба ифлосшавии муҳити зист хидмат мекунад.

Дар ҳифзи захираҳои биологӣ тамоюлҳои креативӣ заруранд

Аз тарафи Ҳизби экологии Ӯзбекистон бо мақсади таъмини ҳифзи бозъотимоди гуногунии биологии нодири ба худ хоси мамлакатамон пешбарӣ гардидани пешниҳодҳои муҳимро бобати **эълон кардани мораторияи бидуни муддат ба истифодаи растаниҳо ва шикори ҳайвоноти ёбоӣ, ки ба Китоби Сурхи Ӯзбекистон дохил карда шудаанд**, эътироф намудан мумкин аст.

Дар ҳудуди мамлакатамон қариб 4500 навъи растаниҳои ёбоии олӣ ва беш аз 2000 намуди занбӯруғҳо, дар олами ҳайвонот 714 намуди ҳайвоноти мӯҳрадор, беш аз 15 ҳазор намуди ҳайвоноти бемӯҳра мавҷуд буда, ба Китоби Сурхи Ӯзбекистон 203 намуди ҳайвоноти нодир ва 313 намуди растаниҳои ёбоӣ, ки зери хатари нобудшавӣ қарор доранд, дохил карда шудаанд. Бояд гуфт, ки солҳои охир барои истифодаи махсус аз объектҳои олами наботот ва ҳайвонот миқдори квота барои гирифтани онҳо аз табиат вобаста ба талаб ва эҳтиёҷот меафзояд.

Ҳизби мо бо назардошти афзоиши ҳодисаҳои осебрасонӣ ва хушк шудани дарахту буттаҳои бисёрсола дар натиҷаи ба ҷои дигар кӯчонидани онҳо, ташаббуси манъи **кӯчонидани дарахтони аз 10 сола болоро**, инчунин, бо мақсади пешгирии баркасдона ва бо усулҳои гуногун хушконидани дарахтон дар майдонҳои сохтмонии иҷоташуда, пешгирии ҳолатҳои буридани дарахтони сарсабзи бисёрсола дар объектҳои сохтмонӣ, роҳандозии тартиби бекор кардани ҳуқуқи соҳибкор ба замин дар ҳоли ба таври ғайриқонунӣ буридани дарахтон, инчунин, **бо қонун манъ намудани бо мақсадҳои сохтмонӣ фурӯхтани майдонҳоеро, ки дарахтзор доранд**, пешбарӣ менамояд.

Ҳизби экологии Ӯзбекистон бо барномаи пешазинтихоботии худ ҳифзи захираҳои табиӣ ва истифодаи оқилонаи онҳоро аз мақсадҳои асосии худ меҳисобад ва тамоми шаҳрвандонро, ки ба Модар-табиат бефарқ нестанд, барои муттаҳид гардидан дар атрофи ин мақсади наку даъват менамояд.

Ба Ҳизби экологии Ӯзбекистон ва номзадҳои пешбаринамудаи ҳизби мо овоз диҳед!

Наврӯзбек ЮСУПОВ,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис,
Ноиба ИНОЯТОВА,
номзад ба депутатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

БА ҲИЗБИ ЭКОЛОГИИ ӮЗБЕКИСТОН ВА НОМЗАДҲОИ ОН ОВОЗ ДИҲЕД!

БА ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ ТАВАССУТИ СИЁСАТИ САМАРАБАХШИ ИҶТИМОӢ НОИЛ МЕГАРДЕМ!

O‘zbekiston ХФР Xalq demokratik partiyasi

Сиёсати пурзӯри иҷтимоӣ - ғояи асосии Ҳизби халқиву демократӣ мебошад. Барои дар ин самт ба натиҷаи пешбинишуда ноил шудан, пеш бурдани сиёсат дар асоси тамоюли **«Манфиатҳои инсон аз ҳама чиз болотар аст»** талаб карда мешавад.

Мувофиқи таҳрири нави Конститутсия, Ӯзбекистон давлати иҷтимоӣ аст. Ин, пеш аз ҳама, имкониятҳои баробар бобати дар амал татбиқ сохтани салоҳияти инсон, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои зиндагии шоистаи мардум, кам кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Мақсадҳои асосии барномавӣ, ғояҳои муҳимтарини ба рушди соҳаи иҷтимоӣ нигаронидашудаи Ҳизби халқиву демократӣ дар ҳамин таъриф таҷассум ёфтааст, гӯем дуруст мешавад.

Мутобиқи динамикаи ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ, ки дар мамлакатамон амалӣ мегардад, ба ҳизби иҷтимоии аҳолӣ ва сиёсати самарабахши иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Дар барномаи пешазинтихоботии мо **барпо намудани давлати ба мизонҳои баробарии иҷтимоӣ ва демократияи халқӣ мувофиқ** чун мақсад муайян гардида, дар ин самт як қатор ташаббусҳо ба миён гузошта шудаанд. Ҳизби мо барои таъмини татбиқи одилона ва самараноки ҳуқуқҳои иҷтимоии ҳар як шахс, ки Конститутсия кафолат додааст, талош менамояд.

Такмилдиҳии низоми таъминоти нафақаи давлатӣ

Ҳизби мо мутобиқи ғоя ва мақсадҳои асосии худ, ба он эътибори алоҳида медиҳад, ки нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ барои тамоми шаҳрвандон бояд барои пурра қонеъ гардондани эҳтиёҷоти ҳаётии инсон кифоя бошанд.

Мо тарафдори ислоҳот ва тағйироти нав дар системаи нафақа ҳастем. Пенсия ва нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ бояд барои эҳтиёҷоти ҳаётии инсон кифоя бошад. Дар назди мо барои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ноил шудан ба сатҳи муносиби пенсия корҳои иҷрошаванда бисёр аст.

Чаро мо ғояи аз нав ислоҳ намудани системаи таъминоти нафақаи давлатиро пешбарӣ менамоем?

Мувофиқи моддаи 46-уми Конститутсия дар таҳрири нав, ҳар кас ҳангоми пиронсолӣ, гум кардани қобилияти корӣ, бекорӣ, инчунин аз даст додани саробон ва дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқ дорад.

Дар ин самт ҳизб фикри қатъӣ дорад, ки **мутобиқсозии фаъолияти хазинаи нафақа ба замон ва роҳандозии системаи одилонаи нафақа** зарур аст. Шаффоф кор кардани ин система бениҳоят муҳим мебошад.

Мавҷуд набудани нақшаҳои нафақаи касбӣ дар Ӯзбекистон, паст будани ставкаи саҳмияҳо барои суратҳисобҳои нафақаи ғунгардондаи шахсии шаҳрвандон, ҳуқуқи ихтиёран ба дигар воситаҳои молиявӣ равона кардани пасандозҳои худро надоштани шаҳрвандон низ аз масъалаҳое ба шумор мераванд, ки бояд эътибор дод.

Дар ин самт Ҳизби халқиву демократӣ пешниҳод менамояд, ки **ба шаҳрвандон имкони идоракунии маблағҳои нафақаи ғунгардонда ва назорати** доимии онҳо дар шакли онлайн фароҳам оварда шавад.

Аз нав ҳисоб кардани нафақаи пештар таъиншудаи нафақахӯроне, ки андозҳои даромад ва иҷтимоиро аз маҳсули фаъолияти меҳнатии худ пардохтаанд ва ба миқдори бештар таъин кардани он роҳи ҳалли мақбул аст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳим – **Ҳизби халқиву демократӣ аз рӯйи зиёд накардани синни нафақа дар мамлакат** дар мавқеи худ қатъӣ меистад.

Таълими мутобиқи синну сол

Дар замири ғояҳои асосии ҳизби мо масъалаҳои вобаста ба таълим мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ояндаро бидуни мутахассисони соҳибхирад, заковатманду боақл ва кадрҳои ботаҷриба тасаввур кардан душвор аст. Аз ин рӯ, дар барнома **ғояи таълими босуръат** пешбарӣ мешавад.

Вақте сухан дар бораи кӯдаконе меравад, ки ба ҳаёт бо назари дигар менигаранд, шуури худро инкишоф медиҳанд ва дар марҳилаи ибтидоии омӯхтани муҳити зист, ҷаҳон ва маълумотҳои он қарор доранд, ба ин бо чашми ҷиддӣ нигоҳ кардан лозим аст.

Ташаббус аз рӯйи роҳандозии таълими босуръат барои бачагоне, ки ба синфи якум дер рафтаанд ва ҷорӣ намудани тартиби мувофиқи синну солашон гузаронидани онҳо ба синфи болоӣ, бо зарурати фароҳам овардани муҳити мусоид барои инкишофи зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва эҳсосии онҳо асос меёбад.

Бо назардошти ин, Ҳизби халқиву демократӣ пешниҳодро **аз рӯйи роҳандозии таълими босуръат барои бачагоне, ки ба синфи якум дер рафтаанд ва ҷорӣ кардани тартиби гузаронидани онҳо ба синфи болоии мувофиқ ба синну солашон**ро пешбарӣ менамояд. Ин барои рушди ақлӣ ва руҳии ҳар як кӯдак зарур аст. Аз ин рӯ, синну соли кӯдак барои дониш андӯхтани вай муҳим аст. Пас, кӯдак бояд бо ҳамсолонаш таҳсил кунад, на аз онҳо қафо монад. Бинобар ин, моро **зарур аст, ки усулҳои таълими босуръатро дар амал васеъ ҷорӣ кунем**.

Қадамҳои нав бобати омодасозии кадрҳои замонавӣ

Дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии ҷаҳонӣ ҳоло аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ва омӯхтани барномаҳои технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёт ва фаъолияти меҳнатии инсони замонавӣ мавқеи муҳим дорад. Дар натиҷаи рӯз то рӯз густариш ёфтани робитаҳои ҳамкории байналмилалии Ӯзбекистон, эҳтиёҷ ба кадрҳое, ки забонҳои хориҷиро мукаммал медонанд, меафзояд. Дар ояндаи наздик ривоҷдиҳии муносибатҳои байналхалқии тиҷоратӣ ва туризм имкониятҳои зиёдро боз менамояд.

Бинобар ин, Ҳизби халқиву демократӣ масъалаи **бамаротиб зиёд кардани соатҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва технологияи иттилоотиро дар мактабҳо** пешбарӣ мекунад. Зеро надонистани забонҳои хориҷӣ ва мулоқот карда натавонистан, хуб аз худ накардани самти технологияҳои иттилоотӣ, сатҳи истифодаи ҷавононро аз имкониятҳои зиёд маҳдуд мекунад.

Боз як ҷиҳати муҳим ҳаст. Тавассути якбора зиёд кардани соатҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар нақшаҳои таълимии мактабҳо, мо **рақобатпазирии хатмкунандагони мактабҳоро дар бозори меҳнат метавонем баланд бардорем**.

Дар ин мавриди Ҳизби демократии «Миллий тикланиш» дар барномаи худ **дар муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоӣ нагузаронидани машғулот аз рӯйи саводнокии компютериро пешбарӣ** мекунад, ки ин моро дар тааҷҷуб гузошт. Дар ҳоле, ки технологияҳои муосири иттилоотӣ ба ҳар як ҷабҳаи ҳаёти мо фаъолона ворид шуда, ҷавонони мо барои омӯхтани соҳаи технологияи иттилоотӣ, ки яке аз касбҳои оянда маҳсуб мешавад, кӯшиш мекунанд ва волидон низ фарзандони худро барои ҳар чӣ зудтар ва аз ҷавонӣ мушаххас омӯхтани ин соҳа ба курсҳои иловагӣ медиҳанд, аён мешавад, ки ин ғояи ниҳоят консервативии рақиби мо ба замони имрӯза ҳамнафас нест.

Ҳизби халқиву демократии Ӯзбекистон дар самти ислоҳи низоми таълими олӣ низ як қатор пешниҳодҳои пешқадамро ба миён мегузорад.

Бахусус, ташаббуси мо **дар бораи ҷорӣ кардани системаи ваучери таълим дар муассисаҳои таълими олӣ** ба такмили минбаъдаи системаи таълим хидмат мекунад.

Якум, ваучерҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки муассисаҳои таълимиро дар асоси хоҳишу ирода ва эҳтиёҷоти худ интихоб кунанд ва ба ин васила дастрасии онҳоро ба таҳсилоти босифат афзун месозад.

Дуюм, пурзӯр гардидани рақобат байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ангезаи муҳим бобати баланд бардоштани сифати хидматрасонии таълимӣ мегардад. Онҳоро барои ҷалби бештари донишҷӯён барои такмил додани барномаҳои худ, ҷорӣ кардани усул ва технологияҳои муосири таълимӣ ва рушди инфрасохтор водор менамояд.

Худро бо шуғл фаро гирифтан – асоси фаъолии иқтисодӣ

Ҳизби мо ба он назар аст, ки **системаи ҳифзи иҷтимоӣ дуруст ба роҳ монда шавад, шаҳрвандони ниёзманд дар ҷомеа мавқеи худро пайдо мекунанд**. Чунин ақидаҳои нодуруст низ мавҷуданд, ки гӯё ҳифзи иҷтимоӣ дар ҷомеа кайфияти муфтхӯриро зиёд мекунад. Аммо таҷрибаи давлатҳои пешрафта акси онро собит кардааст. Яъне, **агар ҳифзи иҷтимоӣ манзилнок ва мақсаднок бошад, дар ҷомеа фаъолӣ, боварӣ, барқарорӣ пурзӯр мешавад**.

Тааҷҷубовар аст, ки ба ин масъалаи муҳим дар барномаи худ Ҳизби либерал-демократии Ӯзбекистон эътибори алоҳида надода, пешниҳоди мушаххас пеш нагузоштааст. Дар ҳоле, ки худро бо шуғл фаро гирифтан омили муҳими афзудани фаъолии иқтисодӣ дар ҷамъият, васъати ҳаракатҳои соҳибкорӣ ва хидматрасонӣ маҳсуб мешавад. **Дар барномаи ҳизб дар мавриди таваҷҷуҳ ба рушди муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ, васеъ намудани манбаъҳои дастгирии молиявии шуғли аҳолӣ таклифҳо пешниҳод шуда бошанд ҳам, аз рӯйи татбиқи онҳо механизмҳои мушаххасу амалӣ пешбинӣ нашудааст**. Ҳизби либерал-демократӣ ба салоҳияти бузурги мардум дар ин бобат васеътар муносибат кунад, мувофиқи мақсад мегардид.

Вақте сухан дар бораи фаъолии иқтисодӣ ва таъмини шуғл меравад, албатта ба масъалаи беҳтар намудани шароит барои нафароне, ки худро бо шуғл фаро гирифтаанд, дахл кардан ҷоиз аст.

Ин навъи таъмини шуғл манфиатҳои зиёд дорад. Пеш аз ҳама, имкони қонунии дар хона кор кардан фароҳам оварда мешавад. Дар ин ҳифзи иҷтимоии онҳо таъмин мегардад, яъне онҳо дар бораи нафақа ғам нахӯранд ҳам мешавад. Зеро ба онҳо собиқаи корӣ ҳисоб мекунанд. Барои онҳо андоз аз даромад ё дигар пардохтҳо низ вуҷуд надорад. Танҳо дар як сол ба андозаи як баробари миқдори ҳисоби базавӣ супурдани андози иҷтимоӣ кифоя аст.

Агар фикр кунем, мардуми мо аз пеш ба чунин касбу ҳунарҳо шуғл варзидаанд. Масалан, ҳунармандӣ, устоӣ, заргарӣ, дуредгарӣ, сартарошӣ барин касбҳо аз қадим асоси зиндагии мардуми моро ташкил кардааст. Ҳизби халқиву демократӣ акнун **беҳсозии шароит ва васеъ кардани имкониятҳоро барои нафароне, ки худро бо шуғл фаро гирифтаанд**, зарур меҳисобад.

Мо сиёсатро аз рӯйи баробарии иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як инсон дар асоси тамоюлҳои адолат, кам кардани фарқиятҳои иҷтимоӣ, кумак ба ниёзмандон, ихтисори камбизоатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва зиёд кардани манбаи даромад пеши худ мақсад кардаем.

Ба Ҳизби халқиву демократӣ ва номзадҳои он ки ҳар доим дар бораи ҳимояи манфиатҳои мардум меандешанд, овоз диҳед!

Ферӯза МАДРАҲИМОВА,
Ким ВИТАЛИЙ,
номзадҳо ба депутатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

БА ҲИЗБИ ХАЛҚИВУ ДЕМОКРАТИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА НОМЗАДҲОИ ОН ОВОЗ ДИҲЕД!

ТАШАББУСҲОИ МУҲИМ БОБАТИ ТАЪМИНИ СУДИ ОДИЛ

ADOLAT SOTSIAL-DEMOKRATIK PARTIYASI

Бояд таъкид намуд, ки ҳизби мо ҳама гуна муносибати расмиро нисбати қонунҳо дар ҷараёни иҷрои онҳо ошкор мекунад ва дар оқибати он ҳолатҳои вайрон шудани адолатро аз байн мебардорад, инро аз вазифаҳои муҳимтарини худ медонад. Иҷрои самарабахши қонунҳо ва таъмин гардидани адолат ба фаъолияти суди одилу мустақил такя мекунад, ки шарти зарурии давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ба шумор меравад.

Бо дарназардошти ин ҳизб дар назди худ мақсади сохтмони давлати ҳуқуқбунёд, пеш аз ҳама, низоми одил ва мустақили судиро мегузорад. Яке аз ташаббусҳои муҳимтарин дар самти мазкур зиёд кардани миқдори судяҳо ва висъат додани ихтисоси онҳо маҳсуб мешавад.



Ҳоли ҳозир дар баъзе ҳолатҳо дар назди суди ноҳия, шаҳрии оид ба парвандаҳои ҷиноӣ **моҳе** ба ҳисоби миёна тақрибан **200** парванда, судяи суди байниноҳиявӣ, ноҳиявӣ, шаҳрии оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ **анқариб 300**, судяи байниноҳиявӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрии суди иқтисодӣ **наздики 200** парвандаро тафтиш менамояд.

Агар ба таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ эътибор диҳем, мебинем, ки **як судя ба ҳисоби миёна моҳе** дар **ИМА 40**, дар **Канада 50**, дар **Ҷопон 10**, дар **Олмон 15** ва дар **Британия Кабир 20** парвандаро баррасӣ мекунад.

Дар замони кунунии зудтағйирёбанда парвандаҳои табақаи махсусе мавҷуданд, ки аз судяҳо нафақат дониши амиқи ҳуқуқӣ, балки боз маълумоти соҳаҳои дигарро тақозо доранд. Чунончӣ, барои он ки судяи моликияти зеҳнӣ бошед, танҳо ҳуқуқшиноси баландмалака будан кам аст, балки бояд боз дар соҳаҳои техника ва технологияи рақамӣ низ дониши зарурӣ дошта бошед.

Аз ин рӯ, барои истифодаи оқилона аз захираҳои судяҳо ва пешгирии сарсониҳои шаҳрвандону соҳибкорон висъат додани ихтисоси судяҳо аз рӯйи соҳаҳо муҳим аст.

Алҳол самтҳои вобаста бо ҳуқуқи **меҳнатӣ, андозситонӣ, молиявӣ, моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи ноболиғон**, бинобар мураккабиҳои соҳа ихтисосҳои лозимиро тақозо менамоянд. Агар ба таҷрибаи хориҷӣ назар дӯзем, мебинем, ки дар **Олмон** ва **Фаронса** судяҳои оид ба **меҳнат** самарабахш кор мебаранд, кори судяҳои **моликияти зеҳнӣ** бошад, дар **Ҷопон** ва **Куриёи Ҷанубӣ** бартарӣ дорад.

Бинобар ҳамин ҳам татбиқ намудани ихтисосҳокии судяҳо бобати соҳаҳои ҳоли ҳозир бағоят рӯзмарра, ба хусус оид ба масъалаҳои ҳуқуқи **меҳнатӣ, андозситонӣ, молиявӣ, моликияти зеҳнӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ноболиғон** аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Созмон додани судҳо оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ дар ҳар кадом ноҳия ва шаҳр, ки ҳизби мо пешниҳод менамояд, аҳамияти муҳим дорад, ки онро метавон ба ин тариқ асоснок кард:

Якум, судҳои байниноҳиявии оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ, ки дар баъзе ноҳияҳо ташкил шудаанд, барои сокинони ноҳияҳои дигар ноқулаиҳои зиёд фароҳам меоваранд. Чунончӣ, дар вилояти Ҷиззах ба суди байниноҳиявии оид ба парвандаҳои ҷиноии ноҳияи Дӯстлик ҳамчунин сокинони ноҳияҳои Мирзоҷӯл ва Арнасой бинобар парвандаҳои ҷиноӣ муроҷат мекунанд. Аз ин рӯ, созмон додани судҳои оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ дар ҳар кадом ноҳия ва шаҳр мувофиқи мақсад мебошад.

Дуюм, алҳол ҳаҷми кори судҳои байниноҳиявии доир ба парвандаҳои шаҳрвандӣ хеле зиёд аст. Чунончӣ, суди байниноҳиявии Бухоро оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ ба ҳисоби миёна соле тақрибан **10 ҳазор** парвандаро баррасӣ кард, ки аз ин анқариб **4 ҳазораш** бо ноҳияи Бухоро вобаста бошанд, қисмати боқимонда бо шаҳри Бухоро тааллуқ доштанд. Дар ҳар кадом ноҳия ва шаҳр миқдори талошҳои шаҳрвандӣ хеле зиёд аст.

Баробари ин ташаббуси ҳизби мо дар бораи **ворид кардани тартиби тосудии ҳаллу фасли талошҳо ҳангоми шикоят ба суди маъмурӣ** бинобар қарорҳо ва амалҳо ё худ беамалии мақомоти давлатӣ ва мансабдорони онҳо, ҳамчунин **ҷорӣ намудани тартиби таҷдиди назари пешакӣ дар суди маъмурӣ** ба мақсади пешгирӣ кардани душвориҳои иловагӣ барои шаҳрвандон ва субъектҳои соҳибкорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Давраи таҷдиди назари пешакӣ идораи демократӣ ва муфид ба шумор рафта, ҷорӣ кардани он метавонад барои суди маъмурӣ қарори конструктивӣ гардад.

Яке аз ҷиҳатҳои самарабахш ва мусбати таҷдиди назари пешакӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ (**ИМА, Олмон**) васеъ истифода бурда мешавад, ки риоя кардан ба раванди сабқати ҷонибҳо ҳангоми қабул намудани ариза бинобар кори ҷиноӣ, ҳамчунин имконияти судҳо барои шунидан ва ба инобат гирифтани фикру ақидаи ҷонибҳо дар вазъиятҳои болоӣ буда, дар мавриди мавҷуд будани зиддиятҳо, асоснок кардани мушаххасоти онҳо мебошад.

Идораи таҷдиди назари пешакӣ, ҳамчунин ба ҷонибҳо имконият медиҳад ба тафтишоти асосии судӣ беҳтар омода бошанд. Аз ҷумла, вай имконият медиҳад ҳуҷҷатҳои зарурӣ, шоҳидон ва далелҳо пешакӣ тайёр карда шаванд, мавқеи суд бинобар парванда дақиқ ва муфассалтар асоснок гардад.

Аз ин нуқтаи назар тартиботи таҷдиди назари пешакӣ дар суди маъмурӣ ба баҳои ҳамаҷонибаи парванда аз тариқи саривақт ошкор карда шудани далелҳои дақиқи бинобар парвандаи мушаххас мусоидат мекунад. Ин барои беш аз пеш асосноктар ва одилона қабул шудани қарорҳои суд асос фароҳам меоварад ва дар навбати худ эътимоди шаҳрвандонро ба низоми суду ҳуқуқ мустаҳкам менамояд.

Баробари ин ташаббус бобати **ҷорӣ кардани тартиботи тосудии ҳаллу фасли талошҳо ҳангоми шикоят ба суди маъмурӣ** аҳамияти махсус касб мекунад ва барои ҳаллу фасли сазовору дурусти талошҳо як қатор имкониятҳо фароҳам меоварад.

Пеш аз ҳама, тавре ки дар боло зикр шуд, дӯшбори зиёд ба судяҳо метавонад ба сифат, саривақтӣ ва мукаммал баррасӣ шудани парвандаҳо таъсири манфӣ расонад. Ғайр аз ин, анъанаи ҳаллу фасли муқобили талошҳо, аз ҷумла, ҳаллу фасли талошҳои тосудӣ дар пояи механизмҳои мухталиф ҳам дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҳам дар қонунгузории миллии мо ҷанбаҳои мусбати худро ошкор месозад. Ин, дар навбати худ, имкон медиҳад, бо дарназардошти як қатор бартарӣ барои ҷонибҳо ба як қарори муфид расида шавад.

Бешубҳа, ташаббуси мазкур барои шаҳрвандон низ бисёр қулаиҳо дорад. Аз ҷумла, аз байн бардошта шудани хароҷоти судӣ ва боҷҳои давлатӣ ҳангоми ҳаллу фасли талошҳои тосудӣ имкон медиҳанд хароҷоти иловагии шаҳрвандон кам, вақти ҷонибҳои манфиатдор дар пояи ҳаллу фасли таъҷилии талошҳо сарфа шаванд.

Ҷорӣ кардани идораи мазкур ҳангоми баррасии парвандаҳои маъмурӣ ва коҳиш ёфтани дӯшбори судҳо, мувофиқатии хароҷот, тезондани ҷараёни ҳаллу фасли талошҳо, қабул шудани қарорҳои асоснок, хулоса, ба низоми амали беш аз пеш самарабахши суду ҳуқуқ хидмат хоҳад кард.

Такмил додани низоми ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон

Ҳифзи ҳуқуқ ва озодии кӯдакон аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим дар ҳаёти давлат ва ҷамъият ба шумор меравад. Вобаста ба ин дар кишвари мо васеъ ҷорӣ намудани меъёрҳои байналхалқии аз ҷониби умум эътирофшудаи суди одил нисбати ноболиғон, ташаккул додани механизмҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии он аҳамияти бузург дорад.

Бинобар ҳамин ҳам ташаббусҳои пешгузоштаи ҳизб, ки ба дуруст **ба роҳ мондани низоми адлияи ювеналӣ ва ҳифзи ҳуқуқи озодии кӯдак** вобастаанд, аз ташаббусҳои пешқадам ба шумор рафта, ба ҳаллу фасли ин масъалаҳо нигаронида шудаанд.

Ҳоли ҳозир низоми ювеналии адлия дар беш **аз 60** кишвари хориҷӣ васеъ истифода мешавад. Чунончӣ, **дар Фаронса** низоми адлияи ювеналӣ ба сифати идораи судӣ оид ба парвандаи ноболиғон ҷорӣ карда шудааст, ки дар навбати худ, мақомоти мансуб ба шумор меравад ва дар соҳаи мазкур ваколатҳои фавқулодда дорад.

Дар Ҷопон ба сифати мақомоти адлияи ювеналӣ фаъолияти судҳои оилавӣ ба роҳ монда шудааст, ки вазифадор аст тамоми парвандаҳоро нисбати ноболиғон баррасӣ кунад. **Дар Полша** низ фаъолияти судҳои оилавӣ ба роҳ монда шуда, вазифаи асоии он ҳифзи оила ва кӯдак, кӯмаки ҳамаҷониба ба онҳо ва тарбияи бевосита кӯдакон ба шумор меравад.

Ҳизби мо бар он аст, ки барои ба роҳ мондани низоми адлияи ювеналӣ дар мамлакат, бояд дар соҳаи мазкур муттасил кор бурда шавад. Вобаста ба ин коркарди стратегияи минбаъд такмил додани дастёбии кӯдакон ба суди одил барои куллан ислоҳсозӣ ва самарабахш ба роҳ мондани соҳа пешниҳод карда мешавад.

Умуман, ҷорӣ кардани низоми мазкур имконияти ҳифзи ҳуқуқи кӯдаконро дар кишвари мо беш аз пеш вусъат медиҳад, васеъ ба роҳ мондани механизмҳои суди одилро дар самти мазкур имконпазир менамояд.

Мо якҷо ҷомеаи одил бунёд мекунем! Барои номзадҳо аз Ҳизби сотсиал-демократии Ӯзбекистон «Адолат» овоз диҳед!

Дилмурод ИСМОИЛОВ,
Нодира РАШИДОВА,
номзадҳо ба депутатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

БА ҲИЗБИ СОТСИАЛ-ДЕМОКРАТИИ ЎЗБЕКИСТОН «АДОЛАТ» ВА НОМЗАДҲОИ ОН ОВОЗ ДИҲЕД!

ҲАҚҚИ УСТОД АЗ ПАДАР БЕШ АСТ...

Ҳурмати илму устоду китоб,
Лозими ин раҳ аст аз ҳама боб.
Ҳар кӣ ӯ тарки ин се ҳурмат кард,
Азми идбору майли зиллат кард.
***
Агар дар дилат меҳри устод нест,
Ба дасти умеди ту ҷуз бод нест.
Абдураҳмони Ҷомӣ.

Боиси ифтихору хушнудист, ки дар арафаи соли хониши нав хатмкунандагони мактабамон соҳибкорони саховатпеша Ҷалол Шукуров ва Рустам Солеев ба кори хайру нек даст заданд. Онҳо дар тарабхонае дасторхони пурнозу неъмат густурда, омӯзгороне, ки дар нафақа ҳастанду гашти пирӣ меронанд, барои суҳбати дилнишину самимӣ дар атрофи як пиёла чой даъват намуданд.

Дар чорабинии пуршукӯҳи хотирнишон собиқ директори мактаби миёнаи рақами 14-уми ноҳияи Самарқанд (ҳоло мактаби 73-юми шаҳри Самарқанд) Аълочии таълими халқи ҷумҳурӣ Раббим Ҷабборов таъкид намуд, ки тарбият аз таълим волову ҷолиби диққат аст, ки инсонро ба камол мерасонад, некӣ кардан, дил ба даст овардан, хокорӣ, аҳду вафо барин хислатҳои неки одамиро ёд медиҳад. Фаромӯш набояд кард, ки мақсади зиндагии инсон ба қадри якдигар расидан аст.

Рафтори шогирдони мактабамон Ҷалол Шукуров ва Рустам Солеев сазовори таҳсин мебошад, ки имрӯз муаллимони мактабамонро ба ин гӯшаи хушҳавои лаби Дарғам даъват намуданд.

Лекин сад афсӯс, ки аз қаторамон кам шудаанд. Фаррух Мардонов, Умед Туйғунов, Фарида Муродова, Марҳабо Бӯриева, Мусаввара Ҷумъаева, Дилором Маматқулова ва дигарон ба ҳақ пайвастанд. Аз тақдир ҷойи гурез нест. Илоҳо руҳашон шод ва хонаи охираташон обод бод.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки мактаби моро ҳар сол садҳо нафар писаракону духтаракони гузарҳои Кӯл, Навбоғчиён, Саратеппа, Темурқишлоқ ва ғайра хатм карда, ба ҳаёти мустақил роҳхат мегиранд.

Яке аз дастпарвардаи таълимгоҳи мо Озода Назарова мебошад, ки имрӯзҳо вазифаи мудири таълимгоҳро дар ӯҳда дорад.

– Кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки анъанаҳои неки устодони соҳибтачрибаро давом диҳам. Мактабамон дар шаҳри Самарқанд ба нуфузу эътибори хоса соҳиб аст ва дар рейтинги нишондодҳои вилоятӣ ҷойи фахриро ишғол менамояд. Зеро соли дуюм аст, ғолиби опен буҷа шуда, биноҳои иловагӣ сохтем, синфҳои фанҳои дақиқ бо таҷҳизоҳои зарурӣ пурра таъмин гардиданд.

Мақсади асосӣ тарбияи насли наврас барои Ӯзбекистони Нав аст, – мегӯяд Озода Эргашевна.

– Аз фурсат истифода бурда ба сарвари таълимгоҳ Озода Эргашевна миннатдорӣ изҳор мекунем, – гуфт Маҳбуба Пардаева, – зеро дар арафаи иди касбӣ ҷамоаи мактаб ба хонадони ҳар яки мо омада бо гулдаста ва туҳфаҳои хотиравӣ табрикоти самимона гуфта, табъамонро болида сохтанд.

– Мо – шогирдон ба шумоён, устодони меҳрубону ғамхор ҳар чӣ қадар хидмат намоем кам аст, – гуфт Ҷалол Шукуров, – зеро бузургон насиҳат кардаанд, ки:

Ҳаққи устод аз падар беш аст,
В-аз падар устод дар беш аст.

Ба бахти аҳли оила, хешу пайвандон, ҳамкасбону шогирдон ҳамеша сарбаланду хонобод бошед.

Хуршеда АКРАМОВА,
собиқ омӯзгори мактаби рақами 14-уми ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд.

Адибони аз синни 85 боло дар Ӯзбекистон башумор мондаанд. Яке аз онҳо шоири суруднавис Барот Исроил, ки бо вуҷуди куҳансолӣ ҳамон дар майдони эҷод аст. Ба наздикӣ дар Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон рӯнамоии китоби нави ӯ «Асрийнома ё худ Баротийнома» баргузор гардид.

АДИБИ КУҲАНСОЛ ҲАМОН ДАР АРСАИ ЭҶОД

Барот Исроил соли 1938 дар деҳаи Тошсойи ноҳияи Ўрта Чирчиқ (Оҳангарони имрӯза) ба дунё омадааст. Соли 1953 бо ихтисоси матбаачӣ техникуми полиграфии Тошкандро хатм намуд ва баъдтар чанд муддат дар матбааи рақами якуми пойтахт фаъолият пеш бурд.

Нахустин шеъраш «Имтиҳон» асноe коргари ҷавон буд, дар рӯзномаи ноҳиявӣ рӯи чоп дид. Вақте дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ мехонд, бо ашъори навмашқона бо чанде аз нашрҳои ҷумҳурӣ ҳамкорӣ намуд. Солҳои 1966-1970 дар рӯзномаи бачагонаи «Ленин учқуни» («Тонг юлдузи») ҳамчун ходими адабӣ кор кард ва барои бачаҳову калонсолон муттасил шеърҳо навишт.

Аввалин дафтари шеъриаш соли 1972 бо унвони «Бойчечак» аз чоп баромад. Ба нахустмаҷмӯаи ӯ Шоири мардумии Ӯзбекистон Миртемир сарсухан навиштааст. Баъдан китобҳои шеъриаш пайиҳам рӯи дунё шуданд.

Барот Исроил асари таърихӣ-адабие бо унвони «Авлиёи туронӣ» навиштааст, ки дар хусуси ҳаёту фаъолияти Наҷмиддини Куброст.

Шоир дар Телерадиоширкати Ӯзбекистон низ хидмат кардааст. Дар асоси достони бачагонаи ӯ «Шавҳар ва шеър» операе офарида шуд бо номи «Султони ҳайвонот». Дар асоси достони «Забони ширини Алишер» бошад, радиоинсенеровка гузошта шуд.

Дар солҳои истиқлолият бештар хотира ва лавҳаҳо бахшида ба шахсиятҳои номвар эҷод намуд, ки онҳо дар «Дафтари хотира» ва «Ҳикматҳои ҳаёт – ҳикматҳои умри ман» ном китобҳои адиб ҷой дода шудаанд. «Асарҳои мунтахаб»-и панҷҷилдаш низ ба дасти хонандагон расид.

Барот Исроил баробари шеърҳои ҷудогона дар шаклҳои гуногун ҳамчунин чандин ғазал навишт, ки қисме аз онҳо ба оҳанг дароварда ва сароида мешаванд. Ҳамкории шоир бо оҳангсози номии Ӯзбекистон ҳанӯз идома дорад.

Дар чорабинии, ки шаш сол қабл аз ин дар қасри маданияти «Дӯрмон»-и ноҳияи Қибрай рӯи кор омад, баромадкунандагон гуфтанд, ки суруднависи маъруф Барот Исроилро «булбули воҳа» номем, хато намешавад. Сурудҳо бар ашъори Барот Исроил, ки ҳофизони номӣ иҷро кардаанд, дар фонди тиллоии радиокомитет маҳфуз дошта мешаванд. Он рӯз дар баробари адибон – дӯстону шогирдони шоири куҳансол, ҳамчунин санъаткорони шинохта Хайрулло Лутфуллоев, Ойбек Ҳамроқулов, Тошпӯлот Маткаримов ва марҳум Ортиқ Отаҷонов дар ҳақи ӯ суханони самимӣ баён карда буданд.

Дар рӯнамоии китоби нави ӯ «Асрийнома ё худ Баротийнома», айни замон, шоиру нависандагон, эҷодкорони ҷавон ва ихлосмандони адабиёт дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шоири куҳансол ҳарф заданд, фазилатҳояшро бо муҳаббат хотирнишин сохтанд. Раиси Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Сироҷиддин Саййидов гуфт дар мамлакати мо, ки ба адабиёт ва маънавият эътибор пурзӯр аст, бо мақсади аз нигоҳи маънавӣ рӯҳбаландсозии аҳли қалам, хусусан, адибони куҳансол бобати чопи асарҳои эшон корҳои муттасил пеш бурда мешаванд.

Баъд ӯ бобати ҷиҳатҳои ба худ хоси Бароит Исроил ҳарф зад ва таъкид сохт зикршуда чун яке аз пирони адабиёти рӯз дар тарбияи адибони ҷавон низ саҳм мегузорад ва самтҳои фаъолияташ ба боз ҳам пурзӯр намудани меҳр ва таваҷҷуҳи ҷавонони мо ба адабиёти миллӣ нигаронида шудаанд.

М. ШОДИЕВ.

ДИЛИ ПИР БО ДОНИШ БАРНО БУВАД...

Доктори фанҳои филологӣ, профессор Садрӣ Саъдиев яке аз куҳансолони Донишгоҳи давлатии Самарқанд буда, чанде пеш 87 солагии хешро ҷашн гирифта буд. Боиси хушнудист, ки ҳоло ҳам ба насли наврас таълиму тарбия медиҳад ва пайваста бо корҳои илмӣ машғул аст. Чанд асари ӯ дар Тоҷикистон, Эрон, Русия, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон чоп шудаанд.

Ба қарибӣ Устод Садрӣ Саъдиев бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ордени «Дӯстӣ» сарфароз гардида буд.

Рӯзи чаҳоршанбеи гузашта дар бинои Донишгоҳи давлатии Самарқанд анҷумани бошукӯҳи фарҳангӣ ба вуқӯъ пайваст, ки дар он Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода мукофоти мазкурро ба устоди суханшинос Садрӣ Саъдиев супурда, таъкид намуд, ки ӯ дар ривоҷу равнақи омӯзишу ҷустуҷӯйи илмии адабиёти тоҷик хидмати шоиста расонида, дар Тоҷикистон низ ҳурмату эҳтироми хоса дорад.

– Устоди арҷманд Садрӣ Саъдиев барҳақ ифтихори мост, – барафзуд ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, сенатор Рустам Холмуродов, – қайд кардан лозим аст, ки ҳар дарси ин марди донишманди кӯҳансоли пурдон, соҳибтаҷриба ба ҷуз дарси савод, боз дарси маҳорат, покию ахлоқи нек, садоқат ба халқу Ватан, муҳаббат ба забони модарӣ аст.

Инчунин раиси Маркази фарҳангии тоҷикон ва тоҷикзабонони Самарқанд Шуҳрат Самадов, профессор Аслиддин Қамарзода ва дигарон ба сухан баромада, Садрӣ Саъдиевро бо мукофоти давлатӣ муборакбод намуданд.

– Ҳақ асту рост аст, ки пирони куҳансол дар асоси таҷриба сухан гӯянд, некӣ бикунанд, таҷриба бо худ набаранд, ба ман чӣ қадар умр ва саломатӣ додааст, ба роҳи илму фарҳанг хоҳам бахшид. Аз фурсат истифода бурда ба Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои қадршиносӣ арзи сипос мекунам, – гуфт дар баромади худ С.Саъдиев.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ТАРБИЯ ВА ҲАМ ТАЪЛИМ ДОДАНД

Илм агар андак бувад, хораш мадор,
З-он, ки дорад илм қадри бешумор.

Муаллима Турсуной Ҳасанова бо чунин пандҳои бузургон ба мо сабақ медоданд.

Мо муаллимаро ним аср пеш дар остонаи мактаби рақами 13-уми Варзик шинохтаем. Моро бо хушу хурсандӣ, бо меҳри модарона пешвоз гирифта буданд. Ин рӯзҳои фаромӯшнашаванда барои мо – хонандагон як олам ҳаячон мебахшид. Ба даст қалам гирифтан, ҳарф шинохтану хонданро аз ҳамин муаллимаи меҳрубон омӯхта будем.

Муаллима дар дигар корҳои ҷамоатӣ низ ташаббускору пешсаф буданд. Дар ёдамон ҳаст, дар толори мактаб вақти холӣ хонандагонро саф ороста, мусобиқаҳои шеърхонию варзишӣ мегузаронданд, сурудҳо мехондем. Дар чорабиниҳои маънавию фарҳангии мактаб синфи мо фаъол буд. Дар синфамон 31 нафар хонанда дарс меомӯхтем. Муаллима дар ҳар як дарс оиди мавзӯъ аз ашёи аёнӣ, суратҳо ва ҷисмҳои гуногун истифода мебурданд ва ин дарс дар хотири мо мемонд. Мо – ҳамсинфон ҳамчун додару хоҳар аҳлу тифоқ будем. Ҳоло ин дӯстии мо бардавом аст. Якчанд ҳамсинфон ба муаллимаи аввалини пуртачриба ҳавасманд шуда, аз пайи ӯ рафтанд ва ҳоло ба нафақа баромадаанд. То ҳол аз устодамон хабар мегирему аз панду насиҳаташон баҳраманд мешавем.

Меҳнати шоёни муаллима якчанд маротиба аз тарафи ҳокимияти ноҳияи Чуст ва шуъбаи таълими халқии ноҳия ва вилоят рағбатнок гардонда шудааст.

Ба қарибӣ мо – ҳамсинфон хатми 40-солагии мактабро ҷашн кардем ва бори дигар ба давраи бачагӣ баргаштем. Солҳои мактабиро ба хотир овардем.

Турсуной Ҳасановаро ҳамчун бонуи оила, модари меҳрубон, муаллимаи пуртаҷриба, устоди муҳтарам ҳурматаш мекунанд. Хонаводаи муаллима дар маҳаллаи Майдон яке аз оилаи пешқадаму намунавӣ ба шумор меравад. Бо ҳамсарашон Мухторҷон Йӯлдошев (равонашон шод бод) 4 нафар фарзандро тарбия намуда, ба воя расониданд. Ҳар яки онҳо имрӯз маълумоти олӣ гирифта, пайрави модар шудаанд. Гулчеҳра ва Гулчаҳон – муаллимаҳои синфҳои ибтидоӣ дар мактаби рақами 58-ум, Музаффар муаллими мактаби рақами 60-ум ва Хуршедҷон – соҳибкор шуда фаъолият мебаранд. Ҳамсари Музаффар Саидабону низ муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби рақами 13-ум. Арӯси хурдӣ Мастона бошад, ҳамшира. 15 набераю абера ба хонадон файз мебахшанд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.

РОҲИ УСТОДОНРО ИДОМА МЕДИҲАД

Дар ин мактаб замоне як идда омӯзгорони соҳибтачриба, фидоии касби худ кору меҳнат мекарданд. Якчанд нафар аз он устодон имрӯз дар қайди ҳаёт нестанд. Ҳотам Бозоров, Норбой Деҳқонов, Нусратулло Ҳикматов (равонашон шод бод!) аз зумраи омӯзгорони хуб ва ба дарачаи воло донандаи фанни худ буданд. Замоне Ҷамҳур Қӯқонов аз онҳо сабақ гирифтааст. Барои ба мактабҳои олӣ рафта таҳсил кардан дуои неки эшон ҳамеша ба дили Ҷамҳури ҷавон неру бахшидааст.

Соли 1985 дар шаҳри бостонии Самарқанд донишгоҳро хатм намуд ва боз ба деҳа – Ӯхми зебоманзар баргашт. Дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 14-уми деҳа паҳлӯи устодон кор кард. Ба шогирдон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дарс гуфт. Ҳоло Ӯктам Элмуродов, Умед Алимов, Хуршед ва Сӯхроб Эргашевҳо ҳампешагони Ҷамҳур Қӯқонов ба шумор мераванд. Бори ҷамоаи омӯзгоронро бо якдигарфаҳмӣ, аҳлона пеш мебаранд.

Дар тӯли ин солҳо вазифаҳои гуногуни пурмасъулияти мактаб бар зиммааш гирифт. То соли 1995 ҷонишини директор оид ба корҳои маънавият ва маърифат буд. Маҳфилҳои зебо ва хотирмон маҳз бо саъю ҳаракати ӯ созмон дода шуд. Шогирдонаш борҳо дар озмунҳои фаннӣ дар марҳилаи вилоятӣ ва ҳатто ҷумҳурӣ пирӯзӣ ба даст оварданд. Аксари онҳо ҳоло дар ҷабҳаҳои гуногун кору меҳнат мекунанд. Фарҳод Неъматов дар соҳаи матбуот фаъолият мекунад, Ҳошим Қучқоров бошад, аз пайи омӯзгорӣ ва илм рафт.

Ҳар гоҳе, агар бо омӯзгорони куҳансол Толиб Қазоқов ва Эсанбек Полвонов суҳбат ороем, дар омади гап аз боби устоду шогирдӣ ҳарф мезананд ва ҳатман номи Ҷамҳур Қӯқоновро ба забон мегиранд.

Усулҳои тозаи дарсҳои Қӯқонов борҳо ба семинарҳои методии омӯзгорон пешниҳод шуда, аз ҷониби ҳайат баҳои сазовор гирифтааст.

Ҷамҳур дар оила фарзанди калонӣ аст. Табиист, ки ҳамаи масъалаҳои оила, гоҳе вазниниҳои он бар дӯши нахустфарзанд меафтад. Бо вуҷуди ин Ҷамҳур саъй ва кӯшиш кард, ки фарзандонаш низ хонад, соҳиби ихтисоси зарурӣ гарданд. Бинобар ин писараш ҳоло дар бахши тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ мехонад.

– Ҷамҳур Қӯқоновро барои гирифтани нишон пешниҳод намудему дар ибтидо бисёр андеша кардем, ки оё арзандааст, – мегӯяд раиси Маркази миллии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов. – Баъдан пурра итминон ҳосил намудам, ки дар ин кор ҳаргиз ба иштибоҳ роҳ надодаем. Ҷамҳур Қӯқонов – фарзанди яке аз шоирони хушноми деҳа, шодравон Бобоҷон Қӯқонов ба ҳар гуна мукофот арзанда аст.

Дар воқеъ, имсол моҳи август зимни баргузории як анҷуман аз дасти ходимаи сафорати Тоҷикистон ҳамроҳи боз як муаллимаи соҳибистеъдод аз воҳаи Сурхон Саодат Сангинова нишони саринагӣ гирифт. Дар он чунин сабт ёфтааст:



«Барои хидматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо нишони Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон қадр карда мешавад».

Ин муждаи хушро шунида, ёру дӯстон, ҳампешагон дарҳол ба табрики ӯ шитофтанд. Меҳнати чандинсолаи омӯзгоре, ки роҳи устодонро идома мебахшад, ба таври муносиб қадрдонӣ карда шуд.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

АГАР МЕҲР НАМЕБУД,

хатмкунандагон пас аз 45 сол вонамехӯрданд...

Мо ҳеҷ, замона ҳеҷ,
дунё ҳама ҳеҷ,
Эй ҳеҷ зи баҳри ҳеҷ бар
ҳеҷ мапеч.
Донӣ, ки зи одамӣ
чӣ мемонаду бас,
Меҳр асту муҳаббат асту
бокӣ ҳама ҳеҷ.

Бале, ҳамсинфони собиқ, ки 45 сол пеш ҳамчун хонандагони синфи 10 «А» мактаби миёнаи рақами 21-уми ноҳияи Самарқандро хатм намуда буданд, меҳри дидори ҳамдигар ва устоду мактаб дар як ҷо сарҷамъ намуд.

Гирдиҳамоӣ субҳ дар саҳни мактаби ҷоноҷон бояд барпо мегардид, аммо гурӯҳи шояд аз бетоқативу пазмонии лаҳзаҳои шодмонӣ бошад, ҳанӯз бармаҳалтар дар ҷойи эълоншуда ҳозир гардиданд. Аксарияти онҳо дар ҳайрат буданд, ки чаро баробари онҳо боз устодону фаъолони маҳаллаи атроф пасупеш ба саҳни мактаб меоянд. Сонитар хонандагони мактаб дар даст гулдастаҳо меҳмононро пешвоз гирифтанд. Чун ба маҷлисгоҳи мактаб ворид шуданд, барои хонандагони собиқ аён гашт, ки дар ин рӯзҳо мактабашон садсолагии хешро низ ҷашн мегирад. Хонандагон нахуст ба синфхонае, ки солҳои 1969-1979 таҳсил намуда буданд, ворид шуданд. Ёди аёми бачагӣ, толибилмӣ карданд. Ба хонандагон омӯзгори фанни математика Маҳфуза Ҳамроева, муаллимаи фанни химия Матлуба Акрамова, муаллимаи фанни таърих Ӯғулой Қамарова, омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ Раҳматулло Зубайдов, муаллимаи фанни тарбия Мағфират Мавлонова аз рӯи фанҳои худ дарсҳои шавқовар гузаштанд. Дар таълимгоҳ директори мактаб Анварҷон Зоҳидов дар бораи роҳҳои пуршебу фарози мактаби рақами 21 дар зарфи сад сол ҳарф зада, таъкид кард, ки таърих фаромӯшнопазир аст. Аслан бунёди мактаб соли 1923 оғоз ёфта, соли 1924, ҳангоми сафари мулозими шӯравӣ Калинин ба зудӣ бо тамоми таҷҳизоташ бунёд гардид. Аз ин рӯ мактаб нахуст номи Калининро гирифт. Сипас, чанде аз муаллимон дар бораи хидматҳои шоистаи устодони мактаб дар тӯли сад сол, шогирдони барӯманди он сухан гуфтанд. Аз хатмкунандагони соҳибҷашни мактаб Назириддин Қамаров, Санҷар Хоҷаев, Азиз Ғафуров, Гулнора Обидова, Холида Абдуллоева, Нодира Сафоева ва дигарон сипосномаи худро ба устоду шогирдон ва ташкилкунандагони ин вохӯрии хотирмон пешкаш намуданд.



Дар акс: *лаҳзае аз вохӯрии ҳамсинфон пас аз 45 сол.*

Шеърхониву суханронии муаллимаҳои пуртаҷриба Заррина Остонақулова ва Истода Эргашева хусни тадбирро барафзуд. Ташаббускори чорабинӣ раиси маҳаллаи Шалғамон Нарзиддин Қамаров эълон намуд, ки аз 32 нафар ҳамсинфон шаш нафар аз олам гузаштаанд. Ҳамсинфон пеши худ мақсад гузоштанд, ки зуд-зуд аз суҳбати ҷонбахшу дидори гарми ҳамдигар баҳра мебардоранд. Зеро меҳр қимати баланд дорад. Он дар чашму дилу дида макон гирифтааст. Агар ҳамон меҳр намебуд, мо пас аз гузаштани ин қадар солҳо бо ҳам вонамехӯрдем.

Озод ҲАМИДЗОДА.
Вилояти САМАРҚАНД.

Гиромидошт

ДАВЛАТИ МАН ШЕЪРУ ШЕЪРАМ ДАВЛАТ АСТ

Воҳаи Сурхон, хоса сарзамини Бойсун, азбаски манзараҳои зебову табиати дилкушояш ошуфтадилонро табъи болида мебахшад, ҳамчун сарзамини шоирхез маъруф ва машҳур гаштааст. Ин сарзамини бостонӣ чандин шоир ва аҳли адабро ҳусни камолот бахшидааст. Яке аз онҳо шоири ширингуфтори дарбандӣ, омӯзгори соҳибтачриба Шодӣ Карим мебошад, ки бо ашъори ноби хеш маҳбубу манзури дилҳо гаштааст.

Шодӣ Карим 20 сентябри соли 1953 дар деҳаи Дарбанди ноҳияи Бойсун ба дунё омадааст. Давраи таҳсилоти ӯ солҳои 1960-1970 мактаби миёнаи рақами 9-и деҳа, солҳои 1971-1976 факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро фаро гирифтааст. Солиёни зиёд дар макотиби тоҷикии Ӯзбекистону Тоҷикистон ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик фаъолият кардааст. Ашъори ӯ дар матбуоти даврӣ ва ҳамчунин дар маҷмӯаҳои дастҷамъии «Нури дида», «Чил қалам», «Чашмасор», «Бойсун баёзи», «Гули мурод», «Муборак дамлар», «Боғи бисёрдарахт», «Аз Самарқанди чу қанд», «Донишномаи забон ва адабиёти форсӣ дар Ӯзбекистон», «Форсисароёни Ӯзбекистон», «Сарводаи Сурхон», «Суханварони водии Ҳисор», «Сафинаи сухан» ва китобҳои алоҳидаи ӯ «Тифли шеър», «Чашму чарог», «Ишқи дунёгир», «Фариштаҳо дуо кунед» чоп шудааст. Инчунин, намунаҳои эҷодии шоир дар барномаҳои радио ва телевизиони ҳар ду кишвар низ пахш гардидаанд.

Шодӣ Карим соли 1999 дар анҷумани омӯзгорони эҷодкори Ӯзбекистон ширкат варзида, дар миқёси ҷумҳурӣ ҷойи якумро ишғол намуд ва сазовори нишони фахрии «Ижодкор ӯқитувчи» ва «Аълочии маорифи Ӯзбекистон» гардид. Шодӣ Карим баъди дарҳои шадиду тӯлонӣ 26-уми сентябри соли 2020 ин ҷаҳони фониро падруд гуфт.

Чанде қабл дар шуъбаи тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тирмиз нишасти адабӣ бахшида ба 70-солагии шоир бо номи «Давлати ман шеъру шеърам давлат аст» баргузор гардид. Дар он шоирон, зиёиён, донишҷӯён ва устодон, мухлисон, дӯстон ва пайвандони шоир иштирок ва суханронӣ карданд. Аз ҷумла сардабири маҷаллаи илмӣ-адабӣ ва фарҳангии «Дурдонаи Шарқ» Асадулло Исмоилзода таъкид намуд, ки имрӯз рӯзи бузургдошти шеър ва адабиёт аст. Зеро дар ин рӯзи нуронӣ асосгузори адабиёти классикии форс-тоҷик, Одамуш-шуаро Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва санаи валодати шоири хушбаёни дарбандӣ Шодӣ Карим мебошад.

Сармуҳаррири рӯзномаи «Ховар» Олим Панҷизода дар бораи китоби «Фариштаҳо дуо кунед»-и шодравон Шодӣ Карим, ки дар арафаи 70-солагии шоир ба чоп расидааст, маълумот дод. Дар китоб ашъори дар дигар маҷмӯаҳо чопнашудаи Шодӣ Карим ва шеъру мақолоти дар васфи шоир таълифгардидаи аҳли адаб ва донишҷӯён ҷойгузин шудааст.

Баромади донишҷӯён, аъзоёни маҳфили адабии «Чашмаи хуршед», ки иборат аз шеърхонӣ ва рақсу суруд буд, табъи ҳозиринро болида гардонид.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ ғолибони озмуни «Ишқи дунёгир», ки дар сарпарастии Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Сурхондарё, таҳририяти «Ховар», маҳфилҳои адабии «Амвоҷи Вароруд» ва «Чашмаи хуршед», маҷаллаи « Дурдонаи Шарқ» бахшида ба 70-солагии шоир дар ду бахш – қироати ашъори Шодӣ Карим ва мақолоту эҳдоҳо дар васфи ӯ баргузор гардида буд, бо сертификат ва туҳфаҳо сарафроз гардонида шуданд.

Шукрулло СИРОҶ,
донишҷӯйи бахши тоҷикии факултаи филологияи ДД Тирмиз.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.
Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1028.
Адади нашр 4182. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
9 772010 775001

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.